# Шарҳи моҳонаи таваррум • Октябри 2021

**Тибқи маълумоти оморӣ сатҳи таваррум дар моҳи октябри соли 2021 нибат ба моҳи гузашта раванди нисбатан болоравӣ дошта, 1,0 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,8 банди фоизӣ (б.ф.) паст мебошад.**

**Раванди тағйирёбии сатҳи нархҳо дар моҳи баррасишаванда асосан дар натиҷаи таъсири омилҳои ғайримонетарӣ, аз ҷумла омилҳои мавсимӣ ва берунӣ, ки ба болоравии нархи маҳсулоти алоҳидаи хурокворӣ ва ғайрихӯрокворӣ замина гузошт, ба вуқӯъ пайваст.**

Таваррумӣ ҳосилшуда асосан аз ҳисоби афзоиши нархи нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 1,4 фоиз (саҳм дар таваррум 0,7 б.ф.) ва молҳои воридотии ғайрихӯрокворӣ ба андозаи 0,8 фоиз (0,3 б.ф.) ба амал омад. Ҳамзамон, дар ин моҳ коҳишёбии арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ ба қайд гирифта шуд, ки -0,1 фоизро (саҳми ночиз) ташкил дод.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ бештар қиматшавии нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ аз қабили орди навъи якум 5,1 фоиз, гӯшти гов 2,4 фоиз, гӯшти гӯсфанд 1,0 фоиз, шир 1,8 фоиз, равғани пахта 1,3 фоиз, шакар 0,8 фоиз, картошка 5,1 фоиз, пиёз 8,8 фоиз, помидор 64,9 фоиз ва бодиринг 36,5 фоиз ба қайд гирифта шуданд.

Дар баробари ин, коҳишёбии нархи баъзе аз маҳсулотҳои хӯрокворӣ, аз ҷумла нархи тухм -0,9 фоиз, равғани офтобпараст -0,5 фоиз, сабзӣ -21,5 фоиз, себ -14,4 фоиз, нок -5,0 фоиз ва ангур -12,8 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Дар сохтори молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, бештар қиматшавии нархи маводи сӯзишворӣ бинобар идома ёфтани болоравии нархи нафт дар ҷаҳон ва кишварҳои содиркунанда 2,1 фоиз (бахусус нархи сӯзишвории дизелӣ 8,9 фоиз ва бензини навъи АИ-92 3,9 фоиз)-ро ташкил дод. Инчунин, дар ин давра болоравии нархи маводи шустушӯӣ 0,5 фоиз, либос ва пойафзол 0,6 фоиз ба қайд гирифта шуд.

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи бензини АИ-92 ва гази моеъ, бо %, моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррумӣ солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



Коҳишёбии нарху тарифаҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ бошад -(0,1 фоиз), асосан дар натиҷаи арзоншавии нархи хизматрасонии газ (гази моеъ ба андозаи -2,6 фоиз) ба вуқӯъ пайваст.

**Таварруми солона дар моҳи октябри соли 2021 ба 8,7 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 0,2 б.ф. зиёд мебошад.** Мавриди зикр аст, ки раванди тағйирёбии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби омилҳои дорои хусусияти таклифотӣ, мавсимӣ, фишорҳои берунӣ ва бо назардоштӣ таъсири "эффекти базавӣ" ба амал омад.

**Таварруми аслии солона, бо %,**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




Сатҳи таварруми аслӣ, ки дар худ қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи октябри соли ҷорӣ 0,3 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 1,7 фоиз баробар гардид. Ба ин раванд бештар болоравии нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ ва маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ мусоидат намуд.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади ноил гардидан ба нишондиҳандаи мақсадноки пешбинишуда татбиқи сиёсати пулию қарзиро ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум идома хоҳад дод.**

[1] - тибқи маълумоти Агентии омор

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таваррумӣ солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2019 | 2020 | | | | 2021 | | | | | | Октябр тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Март | Июн | Июл | Август | Сентябр | Октябр | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,3** | **8,4** | **6,6** | **9,4** | **9,9** | **9,4** | **9,1** | **9,4** | **9,6** | **8,7** | **1,0** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,1** | **11,4** | **13,5** | **12,4** | **7,6** | **13,5** | **13,5** | **10,9** | **12,4** | **11,5** | **11,0** | **9,0** | **1,5** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,1 | 16,5 | 13,5 | 25,3 | 15,1 | 13,8 | 10,4 | -3,7 | -3,1 | -0,8 | 2,2 | 5,2 | 3,5 |
| Биринҷ | 2,8 | 7,6 | 4,0 | -0,5 | -0,4 | 3,2 | 0,4 | -5,5 | -7,0 | -7,1 | -7,8 | -6,3 | 0,4 |
| Орд | 8,6 | 21,0 | 17,3 | 36,7 | 19,0 | 16,4 | 12,9 | -5,7 | -4,2 | -0,6 | 4,6 | 8,7 | 5,1 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,3 | 21,8 | 20,6 | 12,3 | 5,9 | 5,7 | 9,0 | 14,6 | 15,0 | 14,7 | 14,0 | 15,3 | 1,8 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 25,2 | 14,0 | 5,7 | 6,2 | 9,5 | 15,5 | 16,5 | 16,4 | 15,8 | 17,9 | 2,4 |
| Тухм | 1,5 | 6,3 | -5,1 | -0,1 | -2,1 | 18,9 | 43,2 | 24,2 | 20,2 | 16,1 | 11,9 | -9,6 | -0,9 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,9 | 6,4 | 6,7 | 8,1 | 7,6 | 4,3 | 5,6 | 6,2 | 7,5 | 7,8 | 7,9 | 9,1 | 1,8 |
| Шир | 0,5 | 7,3 | 11,0 | 13,0 | 8,1 | 5,6 | 10,3 | 3,1 | 7,0 | 9,2 | 8,8 | 7,7 | 0,8 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 0,5 | 6,4 | 7,2 | 42,3 | 51,5 | 64,3 | 66,1 | 66,2 | 58,9 | 40,6 | 0,5 |
| Меваҷот | 4,1 | -2,2 | 12,1 | 18,6 | 11,5 | 4,7 | -6,4 | -9,5 | -5,2 | -6,3 | -9,7 | -7,3 | -3,5 |
| Сабзавот | 6,8 | 15,4 | 29,9 | 3,0 | -3,0 | 5,8 | 5,5 | 14,1 | 18,6 | 9,5 | 11,7 | 7,9 | 1,5 |
| Шакар | 1,9 | -5,1 | -0,2 | -2,0 | 13,1 | 40,8 | 46,7 | 41,0 | 43,1 | 42,3 | 21,9 | 6,6 | 0,8 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,4 | 8,1 | -0,8 | -0,2 | -2,1 | -2,2 | 4,5 | -1,7 | -1,9 | -1,6 | 0,1 | 0,0 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **3,0** | **2,9** | **6,2** | **5,9** | **5,9** | **5,7** | **5,7** | **5,7** | **1,8** | **3,5** | **1,7** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,0** | **1,0** | **1,9** | **3,2** | **5,0** | **5,0** | **4,6** | **4,3** | **4,1** | **4,0** | **2,8** | **3,1** | **0,3** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **4,2** | **5,0** | **3,9** | **5,8** | **5,8** | **7,6** | **8,4** | **7,0** | **7,8** | **7,8** | **8,1** | **0,8** |
| Либос ва пойафзол | 11,3 | 13,4 | 4,2 | 3,8 | 4,1 | 4,5 | 4,9 | 4,1 | 4,0 | 3,9 | 3,3 | 3,5 | 0,6 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,2 | 4,9 | 5,5 | 6,5 | 8,0 | 8,0 | 7,8 | 6,5 | 6,4 | 6,2 | 5,1 | 4,9 | 0,5 |
| Моводи шустушӯй | 2,0 | 3,3 | 2,9 | 5,0 | 7,0 | 10,1 | 9,5 | 7,7 | 6,6 | 5,0 | 5,7 | 4,5 | 0,5 |
| Доруворӣ | 2,9 | 13,0 | 16,5 | 11,9 | 12,6 | 7,8 | 6,6 | -0,4 | -2,3 | -2,7 | -1,6 | -1,0 | 0,1 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -5,7 | 4,2 | -16,5 | -1,2 | -6,1 | 16,8 | 56,8 | 41,8 | 56,5 | 59,4 | 65,6 | 2,1 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | -9,9 | -2,1 | -2,7 | 14,8 | 14,8 | 12,8 | 22,1 | 14,0 | 13,4 | 11,8 | 13,4 | 7,1 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | 0,8 | -0,7 | 2,7 | 2,8 | 3,2 | 4,3 | 4,2 | 3,9 | 3,9 | 2,9 | 2,9 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,8 | 3,8 | 2,9 | 8,4 | 7,5 | 8,8 | 9,3 | 5,6 | 5,1 | 5,3 | 5,2 | 3,7 | 0,1 |
| **Хизматрасониҳо** | **16,7** | **5,5** | **4,7** | **5,0** | **5,0** | **4,0** | **4,1** | **5,1** | **3,9** | **6,5** | **9,3** | **9,3** | **-0,1** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,7 | 9,1 | 11,0 | 7,5 | 4,9 | 1,8 | 3,7 | 9,6 | 6,0 | 13,9 | 14,6 | 15,0 | -0,8 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 2,8 | 1,3 | 1,3 | 2,8 | 6,0 | 4,7 | 3,8 | 2,6 | 2,6 | 1,4 | 1,3 | 0,5 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,8 | 4,3 | 1,1 | 0,6 | 0,6 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 0,0 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -5,9 | 5,9 | -9,3 | 28,1 | 4,0 | 14,1 | 52,0 | 26,1 | 62,2 | 66,7 | 71,8 | -2,6 |
| Нақлиёт | 4,3 | 3,7 | -1,4 | 0,9 | 4,6 | 3,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 11,2 | 11,4 | 0,2 |
| Алоқа | 2,0 | 0,1 | 0,2 | 8,5 | 8,6 | 9,0 | 9,0 | 0,6 | 0,6 | 0,4 | 0,4 | 0,2 | 0,0 |
| Маориф | 1,8 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 7,7 | 9,3 | 8,8 | 8,8 | 8,8 | 7,6 | 8,7 | 7,8 | 0,1 |
| Тандурустӣ | 1,1 | 15,6 | 15,6 | 16,0 | 0,5 | 0,4 | 0,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 3,8 | 4,4 | 3,1 | 2,6 | 6,7 | 5,9 | 5,5 | 4,6 | 4,1 | 4,1 | 3,7 | 1,0 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо